آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

22 марти соли 2024
Ҷумъа
№ 24 (15035)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БИГУЗОР ҲАР РӮЗИ МО ЧУН НАВРӮЗ ЗЕБО, ЧУН НАВРӮЗ ФАЙЗБОРУ ФАРОВОН БОШАД!

***21 март дар маҷмааи «Humo Arena»-и пойтахт бахшида ба ҷашни миллии Наврӯз чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.***



Дар баробари ҷашни Наврӯз ба сарзамини мубораки мо баҳори деринтизор фаро расид, ки рӯҳу дили ҳар як инсонро шод мегардонад. Имсол оғози мавсими ҳаётбахш бо мақсади бузурги оид ба бунёди ҷомеаи маърифатнок пешбинишуда ҳамоҳанг аст.

Ба ин муносибат дар саросари кишвар расму оинҳои нодири марбут ба Наврӯз ва намоишгоҳҳои марказҳои миллӣ ва фарҳангӣ ба намоиш гузошта мешаванд.

Иштирокчиёни ҷашн Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро бо чапакзании бардавом истиқбол гирифтанд.

Сарвари давлат ҷамъомадагонро бо ҷашни Наврӯз табрик гуфт.

– Ман аз он бениҳоят қаноатмандам, ки шумо, тамоми халқи сермиллати Ўзбекистонро бо ҷашни деринтизори Наврӯз самимона муборакбод менамоям, – гуфт Президент.

Роҳбари давлат изҳор дошт, ки фалсафаи Наврӯз бо орзуву омол ва корҳои амалии мо амиқан ҳамоҳанг аст.

Ба шарофати меҳнати сидқидилонаи халқамон корхонаҳои замонавӣ, хонаҳои хуштарҳу обод, иншооти иҷтимоиву фарҳангӣ, роҳҳо ва пулҳо, хиёбону боғҳо бунёд меёбанд. Мамлакат рӯз аз рӯз тағйир меёбад, зеботар мешавад.

Эҳтироми шаъну шарафи инсон ҳамчун ҳувияти олӣ, таъмин шудани манфиатҳои ҳаётии ӯ, ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирӣ намудани табақаҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ, ғамхорӣ нисбати ҳар як ҳамдиёр, новобаста аз миллат, забон ва эътиқоди вай торафт мустаҳкамтар мегардад.

Ба шарофати муҳити дӯстӣ, ҳамдилӣ ва некҳамсоягӣ, сиёсати сулҳпарваронаи хориҷӣ, ки дар мамлакат ҳукмрон мебошанд, обрӯйи Ўзбекистон дар арсаи байналхалқӣ рӯз аз рӯз меафзояд.

Наврӯз, ки рамзи эҳёи табиат мебошад, бо ҷавонӣ ҳамоҳангӣ дорад. Барои он ки ҷавонони мамлакат ба корҳои хайр бештар ҷалб шаванд, нирӯву ғайраташон дучанд гардад, соли равон дар мамлакат Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат эълон гардид. Барои муваффақ гардидан ба мақсадҳои дар Барномаи давлатии имсола муайяншуда 36,5 триллион сӯм ва 460 миллион доллар равона карда мешавад. Умуман, дар доираи тамоми барномаҳои соҳибкорӣ соли равон тақрибан 2 миллион шаҳрванд дастгирӣ карда хоҳанд шуд.

Президент комёбиҳои ҷавонони моро дар олимпиадаҳои байналхалқии фаннӣ, ҷашнвораҳои маданияту санъат, соҳаҳои технологияи иттилоотӣ ва варзиш таъкид намуда, ба онҳо дар фаъолият ва сабқатҳои оянда муваффақиятҳо орзу кард.

Рӯҳи Наврӯз бахусус дар ҳаёти маҳаллаҳо равшан падидор мегардад.

Шӯроҳо оид ба дастгирии маҳалла, Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ўзбекистон ва шуъбаҳои ҳудудии онҳо созмон дода шуданд. Дар маҳалҳо низоми «ҳафтгонаи махалла» пурсамар кор мекунад.

Бинобар корҳои мақсаднок тӯли ду соли охир сатҳи нодорӣ дар Ўзбекистон аз 17 то 11 фоиз коҳиш ёфт. Дар ин бобат пешниҳод шудани вомҳои имтиёзнок тақрибан ба 900 ҳазор сокинон, субсидияҳо ба зиёда аз 200 ҳазор шаҳрванд ва ба анқариб 700 ҳазор оила ҷудо гардидани 200 ҳазор гектар замин барои кишоварзӣ саҳми назаррас гузоштанд.

Аз соли равон дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё таҷрибаи нав ҷорӣ мегардад. Моҳияти он дар истифодаи самарабахши заминҳои шахсӣ, бо маблағу воситаҳои зарурӣ таъмин намудани соҳибони онҳо, ёрӣ расондан ба дарёфт намудани бозори маҳсулот, ба роҳ мондани истеҳсолоти кучак дар хонаводаҳо ва маҳаллаҳо, васеъ намудани доираи хизматрасонӣ мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ТАНТАНАҲО БАХШИДА БА ҶАШНИ МИЛЛИИ НАВРӮЗ

Ҳамватанони азиз!

Муҳтарам меҳмонони хориҷӣ!

Ман шодам, ки шумо, тамоми мардуми сермиллати Ўзбекистонро бо ҷашни деринтизори Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Имрӯз, бо ивазшавии фаслҳои сол дар ҳама ҷо дигаргуниҳои аҷибе ба амал меоянд. Рӯзи нав меояд, замони нав меояд, нафаси ҳаёти нав ҳис мешавад. Табиат бедор мешавад, дил аз шодӣ лабрез мегардад.

Мо нақша доштем, ки ҷашни имрӯзаро якҷоя бо мардуми худ дар боғи «Ўзбекистони Нав»-и пойтахт баргузор намоем. Аммо, чӣ тавре ки мебинед, дар рӯзҳои охир ҳаво номусоид омад. Имрӯз бо борон замин аз нами ҳаётбахш сер мешавад, яъне ба хонаҳо фаровонӣ ва ободӣ меояд. Ва ҳамаи мо инро бо миннатдорӣ қабул мекунем.

Шуморо дар ин қасри бошукӯҳ хайрамақдам гуфта, ба ҳамаи шумо орзуҳои гарму ҷӯшон ва самимона баён мекунам.

Хуш омадӣ ба диёри мо, Наврӯзи беҳамто!

Бигзор дунё бо ту аз нур мунаввар гардад!

Соли нави шарқӣ ба шумо муборак бошад!

Дӯстони азиз!

Дар ин рӯзҳои дурахшон диёри мо – Ўзбекистони маҳбубамон ба майдони азими бошукӯҳи идона табдил меёбад. Дар водии Фарғона, кӯҳҳои Сурхону Қашқадарё, дар сарзамини Хоразму Қароқалпоқистон, дар боғҳои зебои Самарқанд, Бухоро, Навоӣ, дар доманаҳои беканори Ҷиззах ва Сирдарё, доманаҳои сабзу хуррами воҳаи Тошканд, майдонҳои бошукӯҳи пойтахти азизамон мардуми мо сайлу намоишҳо барпо мекунанд, Наврӯзро бо хурсандии бузург пешвоз мегиранд.

Имрӯз дар тамоми талошҳои мо бараъло мушоҳида мешавад, ки фалсафаи Наврӯз бо ормонҳо ва корҳои амалии мо то чӣ андоза амиқан пайвастагӣ дорад. Бо меҳнати наҷибонаи халқи мо, ки дар атрофи ғояи **«Барои ҳаёти нав, барои Ўзбекистони Нав!»** муттаҳид гардидаанд, корхонаҳои замонавӣ, хонаҳои ободу зебо, объектҳои иҷтимоию маданӣ, роҳу кӯпрукҳо, хиёбонҳо ва боғҳо бунёд карда мешаванд. Мамлакат рӯз то рӯз дигаргун шуда, зеботар мегардад.

Эҳтироми шаъну шарафи инсон ҳамчун арзиши олӣ, таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳими ӯ, ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, ғамхорӣ нисбати ҳар як ҳамватан, новобаста аз миллат, забон ва мазҳаб асоси фаъолияти мо мегардад.

Ба шарофати фазои дӯстиву рафоқат ва ҳамсоягии нек дар кишвар, сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна нуфузи Ўзбекистон дар арсаи байналмилалӣ меафзояд.

Мо минбаъд низ ин корро, ки бо арзишҳои наврӯзӣ, чун инсонпарварӣ, сулҳу ваҳдат ва некӣ созгор аст, густариш хоҳем дод.

Ҳамватанони азиз!

Наврӯз моро даъват мекунад, ки олами атроф, бахусус, замину об, олами набототу ҳайвонот, ҳавои покро эҳтиёт карда, ба табиати зодгоҳамон бо меҳри фарзандӣ муносибат кунем.

Дар мамлакати мо корҳои бузурги ҷавобгӯи ин даъвати наҷиб пеш бурда мешаванд. Ба ифтихори Наврӯз ҳашарҳо баргузор мешаванд. Дар доираи лоиҳаи умумимиллии **«Макони сабз»** миллионҳо дарахтони мевадиҳанда ва ороишӣ шинонда, боғҳои нав бунёд карда мешаванд.

Дар таронаҳои бостонии мо **Наврӯз ҳамчун иди серию пурӣ ва осудаҳолӣ, ҳосили фаровони оянда тараннум шудааст.**

Имрӯзҳо деҳқонону фермерони моҳир, боғдорону чорводорони мо мавсими нави меҳнатро мекушоянд.

Мо ба онҳо хушбахтӣ ва муваффақиятҳо орзу мекунем.

Бигузор дарёҳоямон пуроб ва ҳосили мо фаровон бошад!

Рафиқони азиз!

**Ҷавонӣ – дар умри инсон баҳор, Наврӯзи ӯст. Ҷавонӣ давроии бебаҳоест, ки инсон барои расидан ба идеалу марҳалаҳои баланд талош мекунад.**

Муваффақиятҳои дурахшони дар соҳаҳои гуногун ба дастовардаи ҳазорҳо нафар ҷавонписарон ва духтарони мо – насли Ўзбекистони Нав аз ин шаҳодат медиҳанд. Бо мақсади боз ҳам бештар ба корҳои нек рӯҳбаланд намудани онҳо, нерую ғайрат бахшидан, мо соли равонро дар ҷумҳурӣ **Соли дастгирии ҷавонон ва соҳибкорӣ** эълон намудем.

Ҷустуҷӯи доимӣ, ташаббус, саъю кӯшиш ба навсозӣ ва худнамоӣ ҳам ба ҷавонон ва ҳам ба соҳибкорӣ хос аст.

Дар ин бора сухан ронда, гуфтаниам, ки соҳибкорӣ, ӯҳдабароӣ аз қадимулайём дар хуни мардуми мо ҷорӣ шуда, дар рӯҳу шуури онҳо зиндагӣ мекунад. Халқи мо аз қадимулайём бо устоёну ҳунармандони боистеъдод, деҳқонони моҳир, тоҷирони худ, ки бо корвонҳои худ, маҳсулоти нотакрор ва неъматҳои табиат дар саросари ҷаҳон сайру гашт кардааст, шуҳрат дорад.

Алҳол ин анъанаро дар Ўзбекистон сулолаи нави соҳибкорон, ки дилпурона ба майдон ворид мешаванд, сазоворона идома медиҳанд. Аз ҳама муҳимаш, тиҷорат нафақат дар иқтисодиёт, балки дар ҳаёти иҷтимоӣ низ ба неруи ҳалкунанда табдил меёбад.

Мо баҳри рушди муҳити соҳибкорӣ торафт бештар имкониятҳоро фароҳам меоварем. Чунончи, барои муваффақ шудан ба мақсадҳое, ки дар Барномаи давлатии соли равон муайян шудаанд, 36,5 триллион сӯм ва 460 миллион доллар равона гардид.

Дар доираи барномаи соҳибкории оилавӣ ва машғулияти хусусӣ аз тариқи Бонки рушди тиҷорат ба беш аз 50 ҳазор ҳамватанонамон кумакҳои зарурии молиявӣ ва моддӣ расонида шуданд. Аз ҷумла, ба онҳо дар ҳаҷми 100 миллион сӯм вомҳои ғайриқарзии имтиёзнок ҷудо карда хоҳанд шуд. Зиёда аз ин ба намояндагони тиҷорати миёна то 1,5 миллиард сӯм вомҳои имтиёзнок ба муҳлати 7 сол пешниҳод мегарданд. Умуман, дар доираи тамоми барномаҳои соҳибкорӣ соли равон анқариб 2 миллион шаҳрванд кумакпулӣ мегиранд.

Хулоса, мо барои он ки Ўзбекистони Нав барои соҳибкориву тиҷорат ба яке аз давлатҳои ҷолибу мусоидтарин табдил ёбад, боз як қадами нави амалӣ мегузорем.

Алҳол ҳамаи моро он чиз хурсанд мекунад, ки писарону духтарони мамлакат дар олимпиадаҳои байналхалқии фаннӣ, озмунҳои бонуфуз, ҷашнвораҳои маданиву санъат, IT ва варзиш фаъолона ширкат варзида, ғалаба мекунанд ва соҳиби ҷоизаҳо мегарданд.

Инак, танҳо як мисол: варзишгарони ҷавони мо соли гузашта **дар Бозиҳои осиёӣ соҳиби 22 медали тиллоӣ, 18 нукра ва 31 медали биринҷӣ** гардида, рекорди Ўзбекистонро дар ин мусобиқаҳо нав намуданд.

Тавре ки шумо медонед, ба наздикӣ гроссмейстери номдор Нодирбек Абдусатторов, дар мусобиқаи бонуфузи воқеъ дар Прага пеш аз муҳлат ғалаба карда, ба чаҳоргонаи шоҳмотбозони машҳури ҷаҳон ворид гардид.

Биёед, дар ин ҷашни муборак Нодирбекро аз таҳти дил табрик карда, орзу кунем, ки ӯ барои Ватани мо тоҷи шоҳмоти ҷаҳониро ҳам соҳиб гардад. Ту, бидуни шубҳа, метавонӣ ба ин комёбӣ ноил гардӣ, Нодирбеки азизи мо!

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

***Ба муносибати фарорасии ҷашни куҳани баҳории Наврӯз, ки сифатҳои неки халқи сермиллати моро чун меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ ба ватани азиз ва табиат, некуиву кушодадилӣ, саъю ҳаракати офарандагӣ, орзуву ҳаваси зисту зиндагии дӯстонаву ҳамдилона, бузургдошти сулҳу салоҳ ва фаровониро дар худ таҷассум менамояд, ба номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз сарони давлат ва ҳукуматҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналхалқӣ, арбобони шинохтаи ҷамъиятӣ муборакбодиҳои самимӣ мерасанд.***

***Роҳбарони кишварҳои хориҷӣ ва ҳамкорон дар номаҳои табрикии худ ба барномаи тағйироти бебозгашти сиёсӣ ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодии кишвари мо, ки ба баланд бардоштани дараҷа ва сифати ҳаёти аҳолӣ нигаронида шудаанд, баҳои олӣ медиҳанд ва ин навгониҳоро ҳамаҷиҳата дастгирӣ менамоянд, ҳамчунин ба дараҷаи назаррас афзудани нуфузи давлати моро дар арсаи байналхалқӣ қайд намуда, ба халқи Ўзбекистон шукуфонии минбаъдаро орзу мекунанд.***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Иҷозат диҳед барои номаи табрикии Шумо ба муносибати соли нав бинобар тақвими чинӣ сидқидилона сипосгузорӣ намуда, аз номи ҳукумат ва халқи Чин, ҳамчунин шахсан аз номи худ Шумо ва халқи Ўзбекистонро ба муносибати ҷашни анъанавии мамлакататон – Наврӯз самимона муборакбод намоям.

Дар ҷараёни сафари давлатии Шумо ба Чин, ки ба наздикӣ ба вуқӯъ пайваст, мо гуфтушунидҳои пурмазмуну пурмуҳтаворо баргузор кардем, ки бинобар натиҷаи онҳо дар бораи рушди шарикии стратегии ҳамасолаву бисёрҷанбаи рушди чиниву ўзбекистонӣ дар даврони нав ва бунёди ҷомеаи ҳамтақдири чиниву ўзбекистонӣ бо нуқтаи баландтар изҳор доштем, ки он барои ҳамкории ду давлат дар соҳаҳои мухталиф имкониятҳои нави таърихиро боз мекунад.

Ман ба рушди муносибатҳои чиниву ўзбекистонӣ эътибори зиёд медиҳам ва тайёрам якҷо бо Шумо бобати таҳкими дӯстии анъанавии ду халқ, амиқсозии ҳамкориҳои бисёрҷанбаву муфиди тарафайн ба мақсади кумакрасонӣ бинобар бозсозии ду давлат тамоми саъю кӯшиши худро равона намоям, то ки бунёди муштараки ҷомеаи ҳамтақдири чиниву ўзбекистониро бо мазмуни амалӣ бештар кунем.

Ба Шумо саломатии мустаҳкам ва дар фаъолиятатон комёбиҳо орзу мекунам. Ба халқи дӯсти Ўзбекистон бахту саодат ва шукуфоӣ таманно дорам.

**Си СЗИНПИН,**
**Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Аз номи халқи Иёлоти Муттаҳида муборакбодиҳои самимии худро ба Шумо ва халқи Ўзбекистон ба муносибати ҷашни Наврӯз ва даврони эҳёву навсозие, ки он меоварад, ирсол менамоям.

Тӯли соли гузашта мо барои таҳкими дӯстии байни халқҳо ва ҳамкории стратегии байни кишварҳоямон муштаракона кор кардем, то ки ба сулҳу салоҳ ва шукуфоӣ дар Осиёи Марказиву хориҷи он мусоидат кунем.

Дар ин замони имкониятҳои нав Иёлоти Муттаҳида роҳи пешгирифтаи Ўзбекистонро дар ислоҳот ва пешравӣ дастгирӣ мекунанд. Ман имкониятҳои навро бобати дарёфти ҳамкории кишварҳоямон баҳри фароҳам овардани ояндаи беҳтар барои халқҳои мо ва тамоми мардуми олам бесаброна интизорам.

Наврӯз муборак!

Бо эҳтиром,

**Ҷозеф БАЙДЕН,**
**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ТАНТАНАҲО БАХШИДА БА ҶАШНИ МИЛЛИИ НАВРӮЗ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Халқ аз ту ин ғалабаро интизор аст.

Он чиз бахусус хурсандиовар аст, ки бобати ба даст овардани натиҷаҳои баланд духтарони мо низ саъю ҳаракат мекунанд. Чунончи, Зайнаб Дайибековаи соҳибистеъдод дар Бозиҳои ҷоми ҷаҳонӣ оид ба шамшербозӣ, ки дар Перу баргузор шуд, дар таърихи варзиши Ўзбекистон бори аввал сазовори медали биринҷӣ гардид.

Боз як варзишгардухтари қобилиятноки мо Шаҳина Йигиталиева дар найзапарронии Бозиҳои параосиёӣ соҳиби медали тиллоӣ шуд ва рекорди ин навъи варзишро нав кард.

Фарзандони азизи мо, варзишгарони ҷавон дар пеш шуморо санҷиши бағоят муҳиму ҷиддӣ – Бозиҳои олимпии Париж ва параолимпӣ интизоранд. Бовар дорам, ки дар ин сабқатҳои варзишгарони беҳтарини ҷаҳон шумо парчами Ўзбекистонро баланд мебардоред ва барои кишвари мо ғалабаҳои зиёд, медалу мукофотҳои бисёрро ба даст меоваред.

Ба ҳамаи шумо комёбиҳо орзу мекунем!

Муҳтарам иштирокдорони тантана!

Рӯҳи дурахшони Наврӯз бахусус дар ҳаёти маҳаллаҳои мо равшан намудор мегардад.

Ҳамаи шумо шоҳидони тағйироти бузург ва навовариҳои зиёд дар ин соҳа мегардед, ки тӯли ду-се моҳи охир ба вуқӯъ пайвастанд. Шӯроҳои дастгирии маҳаллаҳо, Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ўзбекистон ва зершуъбаҳои ҳудудии он таъсис ёфтанд. Низоми «ҳафтгонаи маҳалла», ки тамоми самтҳои ҳаёти онро дар бар мегирад, пурсамар амал мекунад.

Бидуни шубҳа, дар созмон додани низоми мазкур маънои амиқ нуҳуфтааст, дар пояи он барномаҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ, баланд бардоштани шуғли аҳолӣ, коҳиш додани нодорӣ нигаронида шудаанд, татбиқ мегарданд.

Ба мақсади пурзӯр кардани ин кор ҳоли ҳозир дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё ба сифати намуна таҷрибаи нав ҷорӣ карда мешавад.

Мақсади асосии мо – истифодаи самарабахши заминҳои наздиҳавлигӣ, бо маблағ ва захираҳои зарурӣ таъмин кардани соҳибони онҳо, кумакрасонӣ барои дарёфти бозори фурӯши маҳсулот, ба роҳ мондани истеҳсолоти кӯчак дар хоҷагиҳои хонагӣ ва маҳаллаҳо, вусъат додани номгӯйи хидматрасонӣ ба шумор мераванд.

Ҳоли ҳозир дар миқёси мамлакат 510 ҳазор гектар, эътибор диҳед, 510 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ дар ихтиёри панҷуним миллион хоҷагиҳои хонагӣ мебошанд. Ин сарвати бузург ва имконияти беқиёс мебошад, ки алҳол пурра мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Ҳамаи мо медонем, ки дар шароити Ўзбекистон инсоне, ки аз чунин имикониятҳо самарабахш истифода мебарад ва софвиҷдонона кор мекунад, хубу фаровон зиндагӣ хоҳад кард.

Тӯли ду соли охир мо дар Ўзбекистон ба коҳиш додани сатҳи нодорӣ аз 17 то 11 фоиз ноил шудем. Бешубҳа, ин натиҷаҳо осон ба даст намеоянд. Он чиз аҳамияти назаррас дошт, ки дар ин давра анқариб 900 ҳазор сокинон тақрибан 20 триллион сӯм вомҳои имтиёзнок, зиёда аз 200 ҳазор шаҳрванд 1,5 триллион сӯм субсидия гирифтанд, ба қариб 700 ҳазор оила 200 ҳазор гектар замин барои кишоварзӣ пешниҳод шуд.

Аз ҳама муҳимаш, соҳибкорӣ ва аз ҷумла дар замини худӣ меҳнат кардан, инсонро, хусусан ҷавононро аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ тарбия мекунад, ба онҳо ба неру, имконият ва иқтидори худ такя намуда зистанро меомӯзад.

Мехоҳам таъкид кунам: давлати мо чунин инсонҳои фаъолро мунтазам дастгирӣ хоҳад кард.

Чунончи, ба соҳибкороне, ки маҳсулоти дар хоҷагиҳои хонагӣ парваришкардаашонро меҳаранд, коркард мекунанд ва ба содирот мебароваранд, аз 300 миллион то 1 миллиард сӯм грантҳо ҷудо карда мешаванд. Ғайр аз ин барои дар майдонҳои холӣ парвариш кардани дарахтоне, ки дар саноат, барои рушди чорводорӣ, моҳипарварӣ, паррандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ истифода мешаванд, имкониятҳои иловагӣ фароҳам оварда хоҳанд шуд.

Ба мақсади татбиқ сохтани ин чорабиниҳо тамоми роҳбарон ва кормандони маҷмӯи иқтисодии мамлакат бояд маҳаллаҳоро омӯзанд ва масъулияти созмон додани ин корҳоро ба дӯши худ бигиранд.

Муътақидам, ки таҷрибаи дар ноҳияи Сайҳунобод дар рӯзҳои моҳи муборки Рамазон бо орзуҳои нек оғозёфта, минбаъд дар тамоми мамлакат васеъ доман паҳн мекунад.

Ин, бешубҳа, кори осон нест. Вале ҳар қадар душвор бошад ҳам, мо якҷо бо халқи тавонову фидокор, ҷавонони боғайратамон, ки ба корҳои бузург қодиранд, албатта, аз уҳдаи иҷрои он мебароем.

Пӯшида нест, ки маҳалла ҳамчун идораи нодири ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин бобат нақши асосиро иҷро мекунад. Бинобар ҳамин ҳам дастгирии маҳалла, рушди минбаъдаи он мунтазам дар маркази эътибори мо қарор хоҳад дошт. **Зеро маҳалла ин такягоҳи дӯстӣ ва некист. Маҳалла оинаи маънавияти халқи офарандаи мост.**

Аз фурсат истифода бурда, тамоми ҳамватанонамон, фаъолони ба кори худ содиқу фидокори маҳаллаҳоро бо **Рӯзи кормандони низоми маҳалла**, ки дар мамлакати мо 22 март таҷлил мегардад, самимона муборакбод менамоям, ба онҳо комёбиҳои тоза орзу мекунам.

Дӯстони азиз!

Алҳол, дар замоне, ки вазъ дар олам торафт тезутунд мегардад, Наврӯз барои мақсади нек, аз ҷумла мустаҳкам намудани сулҳу ҳамкории байни халқҳо ва миллатҳои сайёра хидмат менамояд.

Ман аз он ки дар тантанаи имрӯзаамон намояндагони ҳайатҳои дипломатии дар Ўзбекистон фаъолиятдоштаро мебинам, хурсанд ҳастам. Аз имконият истифода бурда, сафирони муҳтарами давлатҳои хориҷӣ, намояндагони созмонҳои байналхалқиро самимона хайрамакдам мегӯям ва кишвару халқҳои онҳоро бо Рӯзи байналмилалии Наврӯз муборакбод менамоям.

Наврӯзи имсола дар рӯзҳои моҳи муборaки Рамазон мегузарад, ки ба ҷашн рӯҳи махсус мебахшад, мазмуну муҳтавои онро бештар мекунад.

Дар чунин як рӯзи зебо мо бори дигар мусалмонони мамлакат, тамоми уммати исломро муборакбод мегӯем ва аз Худованд иҷро гардидани ниятҳои неку хайри онҳоро дархост менамоем.

Ҳамватанони азиз!

Дар ин лаҳзаҳои муъҷизаовари баҳорӣ ба фармудаҳои гузаштагони бузург амал карда, бо дили поку орзуву омолҳои нек мегӯем: **бигузор ҳар рӯзи мо чун Наврӯз зебо, чун Наврӯз пурсафову фаровон бошад!**

Ба ҳамаи шумо сиҳҳату саломатӣ, муваффақият, бахту саодат ва дар оилаҳоятон фаровонҳолӣ орзу мекунам.

Бигузор, осмони кишвари мо ҳамеша мусаффо бошад!

Ҷашни Наврӯз муборак бод!

# БИГУЗОР ҲАР РӮЗИ МО ЧУН НАВРӮЗ ЗЕБО, ЧУН НАВРӮЗ ФАЙЗБОРУ ФАРОВОН БОШАД!

(Аввалаш дар саҳ.1).

Сарвари давлат таъкид кард, ки кишвари мо дорои 510 ҳазор гектар замини хусусӣ аст, ки ин сарвати беандоза ва имкониятҳои бузургест, ки ҳанӯз пурра истифода нагардидаанд. Шахсони фаъоле, ки ба соҳибкорӣ машғуланд, аз ҷумла дар замини худ кор мекунанд, аз ҷониби давлат дастгирӣ карда мешаванд. Ба онҳо барои харид, азнавкоркард ва содироти маҳсулоти дар хоҷагиҳои хонагӣ рӯёндашуда грантҳо аз 300 миллион то 1 миллиард сӯм ҷудо карда мешаванд.

– Дастгирӣ кардани маҳалла, рушди минбаъдаи он мунтазам дар маркази эътибори мо қарор мегирад. Зеро маҳалла ин такягоҳи некӣ ва ҳамдилист, маҳалла қалъаи дӯстӣ ва накӯӣ мебошад, маҳалла оинаи маънавиёти халқи офарандаи мост, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент сафирони давлатҳои хориҷӣ ва намояндагони созмонҳои байналмилалиро, ки дар чорабинии идона ҳузур доштанд, самимона истиқбол намуда, кишварҳо ва мардумони онҳоро бо Иди байналмилалии Наврӯз табрик гуфт.

Наврӯзи имсола дар моҳи шарифи Рамазон қайд мешавад, ки ба ҷашн рӯҳи махсус мебахшад, моҳияти онро афзунтар мекунад.

– Дар ин лаҳзаҳои муъҷизавии баҳор, мо ба фармудаҳои гузаштагони бузурги худ амал намуда, бо дили софу орзуву омолҳои нек мегӯем: бигузор ҳар рӯзи мо чун Наврӯз зебо, чун Наврӯз саҳӣ ва муборак бошад! – Гуфт Президент дар анҷоми суханронии худ.

Ҷашн бо барномаи бузурги консертӣ идома кард.

Пас аз тантанаҳо Президент Шавкат Мирзиёев дар сайрҳои халқӣ иштирок намуда, баромади марказҳои миллии фарҳангӣ ва ансамблҳои фолклориву этнографиро тамошо кард.

– Ин санъат ва анъанаҳои мо решаҳои амиқи таърихӣ доранд. Дар пояи онҳо фарҳанг ва маърифати бузарг нуҳуфтааст. Ташаккур аз шумо, ки ин меросро ҳифз мекунед ва идома медиҳед. Шукӯҳи ҷашнҳо ҳамоҳангиашон бо суннатҳои миллии мост, – гуфт Шавкат Мирзиёев.



Наврӯз барои намояндагони тамоми миллат ва халқиятҳо ҷашни маҳбуб аст. Алҳол дар кишвари мо вакилони зиёда аз 130 миллат ва халқият бо сулҳу салоҳ, дӯстона зисту зиндагӣ доранд, онҳо барои шукуфоии мамлакат саҳми муносиби худро зам менамоянд. Дар минтақаҳо 38 ҷамъияти дӯстӣ ва 153 маркази фарҳанги миллӣ амал мекунанд.

Роҳбари давлат ҳамчунин намоишгоҳҳоро тамошо карда, бо намояндагони миллатҳои мухталиф самимона суҳбат орост ва ба онҳо орзуҳои беҳтарини худро изҳор намуд.

Сайлҳои идона дар шаҳру ноҳияҳо, деҳаву авулҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо идома доранд.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

**Сурати ЎзА.**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

*(Аввалаш дар саҳ.1).*

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва барокатуҳ.

Ба мо муборакбодиҳои самимӣ ва орзуву омолҳои беҳтарини худро ба унвони Шумо Волоҳазрат ба муносибати ҷашни Наврӯз ирсол доштан хушнудии бузург мебахшад.

Ба Шумо Волоҳазрат саломатии мустаҳкам ва бахту саодат, ба ҳукумат ва халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон шукуфоӣ ва беҳбудии абадӣ орзу мекунам.

Волоҳазрат, орзуҳои самимӣ, эътиқод ва эҳтироми олии маро нисбати Шумо қабул фармоед.

**Салмон бин Абдул-Азиз Ал САУД,**
**Шоҳи Арабистони Саудӣ**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва барокатуҳ.

Аз он ки ба номи Шумо Волоҳазрат табрикоти таҳтидилона ва орзуву омоли беҳтарини худро ба муносибати ҷашни Наврӯз ирсол медорам, хурсандам.

Ба Шумо Волоҳазрат саломатии мустаҳкам ва бахту саодат, ба ҳукумат ва халқи Ўзбекистон пешрафти азим ва шукуфоӣ орзу менамоям.

Волоҳазрат, орзуҳои самимӣ, эътиқод ва эҳтироми олии маро нисбати Шумо қабул фармоед.

**Муҳаммад бин Салмон бин Абдул-Азиз Ал САУД,**
**Шоҳзода, Раиси Девони Вазирони Арабистони Саудӣ**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Волоҳазрат Президент Шавкат Мирзиёев,

Бародари азизи ман.

Муборакбодиҳои самимии худро бо қаноатмандии бузург ба Шумо, Волоҳазрат, ҳамчунин ба халқи дӯсту бародари Ўзбекистон ба муносибати ҷашни Наврӯз, ки рамзи эҳёи ҳарсолаи табиат ва бедоршавии замин ба шумор меравад, ирсол менамоям.

Наврӯз ва анъанаҳои бостонии он, ки ба қаъри асрҳо мерасанд, ба мо аз фарорасии рӯзҳое, ки аз умеду фаровонӣ саршоранд, муждаи хушнудӣ меоваранд. Ман бовар дорам, дар ин рӯзҳои хотирмон, ки қисмати муҳими фарҳанги умумии мо ба шумор меравад, риштаҳои дӯстӣ ва бародариамон беш аз пеш мустаҳкамтар мешаванд.

Умедворам, ки соли 2024-ум ба мо имконият ва муваффақиятҳои нав меоварад, ҳамчунин муносибати байни кишварҳоямон мустаҳкам ва инкишоф меёбанд, мо якҷо ба мақсадҳои умумиамон мерасем. Ба Шумо, Волоҳазрат ва халқи дӯсту бародари Ўзбекистон сиҳату саломатӣ, бахту саодат ва фаровонӣ орзу мекунам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Реҷеп Тайип ЭРДОҒАН,**
**Президенти Ҷумҳурии Туркия**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Муборакбодиҳои гарми моро ба муносибати ҷашни барои ҳамаамон умумии Наврӯз қабул фармоед.

Ҷашни Наврӯз ҳамчун оғози меҳру муҳаббату ягонагӣ, паёмовари некиву созандагӣ аз ҷониби халқҳои бародари мо хеле қадр мешавад ва бо орзуву умедҳои хубу бузург истиқбол мегардад. Бигузор ин ҷашни зебо халқҳои бо тақдири ягона муттаҳидшудаи моро хушнуд кунад, фаровониву хурсандӣ оварад.

Муътақидам, ки шарикии стратегӣ ва муносибатҳои иттифоқии байни ду мамлакат, ки ба дӯстӣ ва некҳамсоягии мустаҳкам асос мекунанд, рушди муттасили худро ба манфиати халқҳои қарини мо идома медиҳанд.

Дар ин рӯзҳои ҷашн, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо дар фаъолияти пурмасъулияти давлатиатон комёбиҳо, ба ҳар як хонадони Ўзбекистон бахту саодат ва фаровонҳолӣ орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шуморо бо ҷашни бузурги баҳор – Наврӯз муборакбод менамоям!

Бигузор ин ҷашн, ки анъанаи умумии мо ба шумор меравад ва асрҳо боз идома дораду паёмовари баҳор ва корҳои нав, рамзи бародариву ҳамдилӣ мебошад, кишварҳои моро пурнур созад, хурсандиву шукуфоӣ оварад.

Бинобар ин ҷашни хоса, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо саломатии мустаҳкам ва бахту саодати бузург, ба халқи бародари Ўзбекистон ҳаёти орому осуда ва тамоми хушиҳоро орзу мекунам.

Бо таманноҳои беҳтарин,

**Нурсултон НАЗАРБОЕВ,**
**Президенти Нахустини Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шумо ва тамоми халқи Ўзбекистонро бо ҷашни Наврӯз самимона муборакбод менамоям.

Ҷашни куҳани Наврӯз рамзи навсозӣ ва эҷод, саъю кӯшиш ба ҳаёти осудаву ҳамдилӣ буда, умумияти пайдоиши халқҳои бародари мо ва суннатҳои беҳтарини онҳоро инъикос менамояд, барои таҳкими ҳамсоягии нек ва эҳтироми тарафайн асос мегардад.

Ман бовар дорам, ки натиҷаи чорабиниҳои дуҷонибаи пешистода бори дигар сатҳи баланди мулоқоти сиёсии кишварҳои моро собит менамоянд ва ба рушди бомуваффақияти минбаъдаву таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷанбаи қирғизистониву ўзбекистонӣ хидмат мекунанд.

Муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо саломатии мустаҳкам, дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳо, ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳу салоҳ ва пешрафт орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Садир ЖАПАРОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шумо ва дар шахси Шумо тамоми халқи бародари Ўзбекистонро бо фарорасии Наврӯзи байналхалқӣ – рӯзи баробарии шабу рӯзи баҳорӣ бо қаноатмандии бузург табрик менамоям. Умедворам орзуҳои беҳтарин ва самимии маро ба муносибати ин ҷашни куҳани гузаштагонамон қабул мекунед.

Урфу одатҳои куҳан ва маънавияти ғании Наврӯзи муборак, яке аз ҷашнҳои бузург, ки ҳазорсолаҳо боз роҳи инсониятро мунаввар мекунад, алҳол олами башариятро беш аз пеш зебо менамояд.

Умед аст, ки суннатҳои умумиинсонӣ ва ғояҳои абадии ин ҷашни баҳорӣ, ҳамчун рамзи ибтидои ҳаёти нав, эҳёи табиат, тантанаи некӣ, ҳамдилӣ ва ҳусни тафоҳум минбаъд низ моро ба роҳи эҳёву офарандагӣ, сулҳу салоҳ, эҳтиром ва эътимоди тарафайн ҳидоят месозад.

Муътақидам, ки дар партави анъанаҳои неки Наврӯзи оламафрӯз бо саъю кӯшишҳои муштарак муносибатҳои дӯстона, некҳамсоягӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷанбаи муфиди тарафайни кишварҳои мо минбаъд ҳам инкишоф меёбанд ва дар доираи шарикии стратегиву ҳамкориҳои тарафайни иттифоқӣ вусъат пайдо мекунанд.

Ба Шумо муҳтарам Шавкат Миромонович, саломатии мустаҳкам, бахту саодати ҳаётӣ ва комёбиҳои бузург, ба халқи бародари Ўзбекистон бошад, сулҳу салоҳ, фаровонҳолӣ, пешрафту шукуфоии минбаъда орзу менамоям.

Наврӯзатон муборак бод!

Бо эҳтиром,

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шумо ва тамоми халқи бародари Ҷумҳурии Ўзбекистонро ба муносибати ҷашни байналмилалии Наврӯз сидқидилона муборакбод менамоям.

Ин ҷашни зебо дар бисёр кишварҳои ҷаҳон васеъ таҷлил карда мешавад, он дар худ ибтидои баҳор ва эҳёи табиатро таҷассум менамояд. Анъанаҳои пуршараф ва урфу одатҳои фарҳангии Наврӯз ба рушди ҳамдиливу ҳусни тафоҳум мусоидат менамоянд, ҳамчунин ба таҳкими сулҳу дӯстии байни халқҳо, ки дар ҷаҳони кунунӣ бағоят рӯзмарра мебошанд, кумак мерасонад.

Дар ин рӯзҳои ҷашнӣ ба Шумо ва тамоми халқи кишвари Шумо бахту саодат, фаровонҳолӣ ва шукуфоӣ орзу мекунам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Сердар БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Президенти Туркманистон**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Муборакбодиҳои сидқидилона ва беҳтарини маро ба муносибати фарорасии ҷашни байналмиллии Наврӯз қабул намоед!

Ҷашни Наврӯз суннатҳои абадии инсоният – сулҳу салоҳ, ҳамдилӣ ва дӯстиро таҷассум мекунад, Наврӯз, ки дар худ тӯли ҳазорсолаҳо анъанаи некро ташаккул додааст, ҳоли ҳозир ба ҷашне табдил ёфт, ки тантанаи равандҳои олии инсонпарварӣ ва меҳнатдӯстиро намоиш медиҳад, ба дӯстӣ, ҳамҷиҳатӣ ва ҳамзистии осуда даъват менамояд.

Бигузор ин ҷашни нек барои Шумо ва тамоми халқи кишвари Шумо сулҳу салоҳ, хурсандӣ ва комёбиҳо оварад!

Бо эҳтироми амиқ,

**Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Сарвари миллии халқи туркман,**
**Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович,

Бародари Азиз,

Ба ман хушоянд аст, ки ба Шумо ва халқи бародари Ўзбекистон ба муносибати ҷашни Наврӯз, ки мероси ғановатманди таърихӣ ва фарҳангии халқҳои моро ҳифз кардааст, муборакбодии самимӣ ирсол намоям.

Ҷашне, ки зуҳуроти равшани меҳру муҳаббати беинтиҳо нисбати модартабиат аст, бозгӯйи суннатҳои олӣ ва қаробатбахши байни якдигарии мардум гардид. Риоя кардан ба анъанаҳои бостонии Наврӯз, ки кайфияти баҳорӣ мебахшад, бо тамоми рангҳояш ифодаи эҳтироми мо ба мероси ғановатманди фарҳангиамон ба шумор меравад. Бовар дорам, ки мо саъю кӯшишҳои муштаракамонро барои бахту саодати халқҳои бародарамон, ки дорои мероси ғании маънавӣ мебошанд, бомуваффақият идома медиҳем, шарикиву ваҳдатамонро ҳифз менамоем ва мунтазам мустаҳкам мекунем.

Аз фурсат истифода бурдам, мехоҳам ба Шумо барои муборакбодии самимӣ ва орзуҳои некатон ба ман ба муносибати аз нав Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон интихоб гардиданам, сипосгузорӣ намоям. Ман саъю кӯшишҳои доимӣ ва қатъии Шуморо бинобар рушди муносибатҳои дӯстонаи байни кишварҳои бародари мо ва амиқсозии ҳамкориҳоямон дар тамоми соҳаҳо баланд арзёбӣ менамоям, муносибатҳои шахсӣ ва дӯстии байни моро зиёда қадр мекунам.

Дар ин рӯзҳои муборак ба Шумо ва оилаи Шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва дар фаъолияти баланди давлатиатон барои шукуфоии Ҷумҳурии бародарии Ўзбекистон комёбиҳо орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Илҳом АЛИЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон**

***

**Ба Волоҳазрат**
**Шавкат Мирзиёев**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва барокатуҳ.

Ба муносибати ҷашни Наврӯз ба Шумо Волоҳазрат муборакбодиҳои самимӣ ва орзуҳои неки худро изҳор менамоям ва аз он ки ба Шумо шукуфоиву фаровонҳолиро дар тӯли тамоми сол орзу мекунам, хурсандам.

Орзу дорам, ки тамоми умед ва саъю кӯшишҳои Шумо бобати сулҳу салоҳ ва шукуфоии кишвару халқи Шумо амалӣ шаванд.

Аз имконият истифода бурда, ба Шумо Волоҳазрат ва оилаи Шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва фаровонҳолӣ орзу менамоям, бигузор Худои таоло нигаҳбони Шумо бошад.

**Муҳаммад бин Рашид Ал МАКТУМ,**
**Ноиб-президент Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб,**
**ҳокими Аморати Дубай**

***

*Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон **Иброҳим Раисӣ**, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон **Асиф Алӣ Заргарӣ**, Котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ **Қубаничбек Омуралиев**, Котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай **Чжан Мин**, Котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодӣ **Хусрав Нозирӣ** низ номаҳои табрикӣ ирсол кардаанд.*

*Муборакбодиҳо идома доранд.*

# НАВРӮЗ – ОҒОЗИ РӮЗИ НАВ

Наврӯз аз ҷашнҳои бостонӣ ва бошукӯҳи мардуми мост. Омади баҳор ва ҷашнгирии Наврӯз тавъам буда, дорои решаҳои ногусастанӣ ҳастанд. Баҳор фасли таровату тозагӣ, оғози кишту кор ва шукуфоиву зебоист. Он на фақат рамзи бедоршавии табиат, оғози кишту кор, балки айёми оғози зиндагии нав ҳам ҳаст. Наврӯз паёмовари фарорасии ин фасл ва ҳамаи орзуву умедҳои неки инсон аст.

*Иди Наврӯз омаду олам*
*дигаргун мешавад,*
*Ҳар гиёҳе, ки бувад, аз хок*
*берун мешавад.*

Баҳор ва ҷашни Наврӯзро шоирону сухангӯён аз замони куҳан то ба имрӯз тараннум кардаанд. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз аҳди куҳан то ба имрӯз адиберо наметавон пайдо кард, ки дар васфи Баҳору Наврӯз нигоштае надошта бошад.

Яке аз муҳимтарин сарчашмаҳо дар бораи пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули иди Наврӯз «Наврӯзнома»-и Умари Хайём аст. Умари Хайём менигорад, ки агар ҳисоби солу моҳҳоро Каюмарс ба низом оварда бошад, рӯзи Наврӯзро Ҷамшед таъин кардааст.

Хайём аз сесаду шасту панҷ шабонарӯз иборат будани ду даври офтобро нишон додааст. Ин ду даври офтоб, ки ба охир расид, сол анҷом пазируфта, моҳи ҳамал – фасли баҳор оғоз меёбад. Даврони нав, рӯзу соли тоза дохил ва олами набототу табиат зинда мешавад. Ва «ҳар сесаду шасту панҷ рӯз як рубъ аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи ҳамал боз ояд ба ҳамон вақту рӯз , ки рафта буд, бадин дақиқа натавонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддате кам шавад. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод».

Муаллиф пайдоиши Наврӯзро соф аз нуқтаи назари илми нуҷум ва табиатшиносӣ шарҳу тавзеҳ додааст. Аз рисола маълум мегардад, ки гузаштагони мо аз замонҳои қадим тақвими моҳу солро тибқи улуми дақиқи ситорашиносӣ ва риёзӣ сохта, маҳз аз назари илмӣ дар рӯзи баробар шудани шабу рӯзи сол, ки мутобиқ ба 21-22-юми моҳи март аст, Наврӯзро чун оғози Соли нави ориёӣ ҷашн мегирифтаанд.

Абурайҳони Берунӣ дар «Ат тафҳим» ном асараш, ки ба забони форсии тоҷикӣ навиштааст, оварда, ки «чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки тоза буд, Ҷамшед ид гирифтӣ, агарчи пеш аз он ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд». Ва дар ҷойи дигари ҳамин китоб гуфта: «Нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат Рӯзи нав ном карданд, зеро ки пешонии Соли нав аст».

Наврӯз чун яке аз қадимтарин ҷашнҳо дар роҳи такомул ва рушди худ ба бисёр тазйиқҳо дучор омадааст. Истилогарони араб кӯшиш карданд, ки иди Наврӯзро аз байн бубаранд, вале мардуми ориёинажод ин идро ҳар сол ҷашн мегирифтанд. Арабҳо чун диданд, ин идро аз байн бурдан амрест муҳол, роҳи муросоро пеш гирифта, номи онро дигар карданд, то ки Наврӯзро аз ёди мардум зудуда кунанд. Яъне «Суннати Ҷамшед» ном ниҳода, ба порсиён расман иҷозат доданд, ки ин ҷашнро қайд намоянд.

Чунин тазйиқу монеаҳо солҳои мавҷудияти ҳокимияти шуроҳо низ рух дода буд. Вале мардуми мо дарк намуд, ки Наврӯз иди зиндагисоз аст. Мардуми ориёитабор ва халқҳои дигари Осиёи Миёна, ки онро баъдтар пазируфта буданд, идро дар ҳар гуна шароит ҷашн мегирифтанд, оинҳои онро ба ҷо меоварданд. Манучеҳрӣ зикр намудааст, ки дар гузашта маросимҳои наврӯзӣ аз ду қисм: Наврӯзи кучак ва Наврӯзи бузург иборат буд. Наврӯзи кучакро мардуми одӣ чандин рӯз ҷашн мегирифтанд. Сарватмандон ва ҳокимон ба онҳо туҳфаҳо медоданд. Маросими баргузории ҷашни Наврӯз ва ба ҳузур пазируфтани намояндагони қавмҳои дигар дар деворнигораҳои тахти Ҷамшед то имрӯз побарҷост. Наврӯзи бузург барои сарватмандон ва ҳокимон буд, ки чанд рӯз давом мекард.

Наврӯз маросимҳои худро доро буд, ки имрӯз низ боқӣ мондаанд. Пеш аз ҳама оғози Наврӯз дар ташту лаълиҳо тухми гандум гузошта мешавад, он то фаро расидани ид неш зада, мисли сабза медамад ва баъди ба қадри ангушт қад кашиданаш ба атрофи он пораи матои сурх – албон баста шуда, ба дастурхон гузошта, аз ҳамин гандуми нешзада суманак тайёр карда мешавад.

Зикр бояд кард, ки аллакай аз 15-уми моҳи март дар ҳар як маҳаллаи шаҳри Нурато бо навбат суманакпазӣ оғоз ёфтааст. Суманакпазӣ бо як шукӯҳу тантана баргузор мегардад. Он то субҳи содиқ идома меёбад ва ин одати ориёӣ асрҳои аср идома ёфта, то замони мо расидааст.

Дар маросими ҷашнӣ густурдани дасторхони «ҳафтсин» низ маъмулу ҳатмист. Он аз ҳафт анвое, ки бо ҳарфи син оғоз меёбад. Инҳо: себ, сабза, сабзӣ, сирко, санҷид, сир, суманак мебошанд ва ҳар кадом дорои рамзи махсусест.

Дар баробари дасторхони «ҳафтсин» омода намудани дасторхони «ҳафтшин» низ роиҷ буд, ки дар он ҳафт маводи аз ҳарфи шин шурӯъшуда гузошта мешуданд ва инҳо: шакар, шарбат, ширинӣ, шамъ, шона, шир, шароб буданд.

Маросими дигаре, ки дар иди Наврӯз ба ҷо оварда мешуд, «хонатаконӣ» ном дошт ва аз ҷузъҳои муҳиму ҳатмии ин ҷашни фархунда арзёбӣ мегардид. Дар арафаи ид тамоми ҷиҳози хона шуставу пок ва ашёи куҳнаву фарсуда аз хона берун карда, дару девори хонаҳо тармим ва атрофи ҳавлӣ тозаву ба тартиб оварда мешуд.

Инак, бо фарорасии баҳори нозанин кишвари зебоманзари моро як рӯҳияи баланди ифтихору сарфарозӣ аз истиқболи ҷашни бузурги аҷдодӣ – Наврӯзи оламафрӯз фаро гирифтааст. Воқеан, Наврӯз ба ҳама шодиву хурсандиҳо шоиставу арзанда аст, зеро ки бузургони мо фармудаанд : «Ҳар кас талаби Наврӯз кунад, ба хуррамиву ободӣ ва шодиву нишот бирасад».

Пас аз ба истиқлол расидани кишварҳои Осиёи Миёна ҷашнгирии иди Наврӯз мақому манзалати нав пайдо намуд. Наврӯзро бо тантана ҷашн мегирифтагӣ шуданд. Алҳол Наврӯз шукӯҳу шаҳомати хоса дорад, зеро он дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил мегардад.

Соли 2009 аз ҷониби Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии СММ Наврӯз расман ба феҳристи ЮНЕСКО оид ба мероси фарҳанги ҷаҳонӣ дохил гардид. 23 феврали соли 2010 бо ташаббуси муштараки давлатҳое, ки Наврӯзро ҷашн мегиранд, дар 64-умин иҷлосияи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи ин созмони бонуфуз оид ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» бо аксарияти овозҳо қабул гардида, Наврӯз ба феҳристи ёдгории фарҳанги ҷаҳонӣ дохил шуд. Тибқи қатъномаи зикршуда 21 март ҳамчун рӯзи байналмилалии Наврӯз эътироф гардид. Ҷаҳду талоши давлатҳоеро, ки Наврӯзро асрҳо боз ҷашн мегиранд, ҷиҳати ҳифз кардан ва рушду такомул додани анъанаҳои марбут ба он қобили таваҷҷуҳ дониста шуд, ҳамзамон аз давлатҳои дигари аъзои СММ даъват ба амал оварда шуд, ки дар бораи Наврӯз иттилои бештар мунташир намуда, сарчашма, анъана ва таърихи пайдоиши ин иди бостониро мавриди таҳқиқ ва тарғиб қарор диҳанд. Мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯз дар арҷгузорӣ ба фарҳанги ҳамдигар, таҳкими сулҳу субот ва равобити халқу миллатҳои мухталифи дунё, сарфи назар аз қавму нажод, забону эътиқод ва тафаккурашон нақши муассир гузошта метавонад. Пазируфтани Наврӯз ҳамчун иди байналмилалӣ аз бузургию шаҳомат, решаҳои амиқи таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ доштани он дарак дода, далели эътироф гардидани тамаддуни куҳанбунёди мо мебошад.

Тантанаҳои наврӯзӣ дар Ӯзбекистон шукӯҳ ва шаҳомати хоси худро дорад. Барои дар сатҳи баланд қайд намудани иди Наврӯз тайёрӣ чанд рӯз қабл аз ҷашн оғоз ёфт. Алҳол ниҳолшинонӣ дар авҷ аст. Роҳраву кӯчаҳо тозаву обод карда мешаванд. Суманакпазӣ дар ҳар маҳаллаву гузар идома дорад. Дар ҳар як мактаби ноҳияи Нурато, маҳаллаву гузарҳои он иди Наврӯз таҷлил мегардад. Дастаҳои ҳунарии ноҳия дар маҳаллаҳо намоишҳои консертӣ баргузор мекунанд. Мардуми Нурато чун тамоми халқи Ӯзбекистон бо чеҳраи кушодаву болида аз Наврӯзи оламафрӯз истиқбол мекунанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# «ОВОЗИ ТОҶИК»: 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

## ЁДИ ЁДҲО

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

### ЛОҲУТӢ ВА УСМОН ЮСУФОВ ДАР ҲАЛҚАИ ТОҶИКОНИ ЭҶОДКОРИ ТОШКАНД

Авлоди арзандаи маорифпарвари тоҷик ва ӯзбек Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ – Мидҳад Беҳбудӣ муҳити онвақтаи эҷодии тоҷикони Тошкандро ин тавр ба қалам додааст:

«... Манзили Бурҳоновҳо аз чор хона иборат буд. Дар он Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Салима Хоҷаева бо хоҳари зебояш истиқомат мекард. Яке аз хонаҳои хурд, ки як пианино меистод, коргоҳи Мутаваккилҷон буд. Ӯ шабҳо шамъ афрӯхта, мусиқӣ эҷод мекард. Асбобу ускунаи хона омиёна буд. Ҳофизон, бастакорон ба ин коргоҳ омада, оҳангҳои навашонро аз назари Мутаваккилҷон мегузаронданд.

Дар ин ҷо Усмон Юсупов, Абулқосим Лоҳутӣ, Султон Умаров, Фотеҳ Ниёзӣ, бисёр бастакорони номии Маскав, Санкт-Петербург ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна меҳмон мешуданд.

Баъди чанд сол ба сари ин зани муштипар (Фотимахон) боз як мусибат омад. Шавҳараш Фитратро сабаб нишон дода, ӯро аз вазифаи наттоқӣ, аз радио озод карданд. Ин ба вай сахт асар кард, умри ӯро кӯтоҳ кард. Аз шунидани хабари марги Фотимахон, ки барои мо аз хоҳар ҳам зиёд буду ҳурматашро пос медоштему медорем, сахт ғамгин шудем.

Боре яке аз наздикони ин хонадон, журналист Яҳёҷон Юлдошев ба муносибате моро ба хонааш таклиф кард. Ҳавлии ӯ дар паси боғи Ҷанггоҳи шаҳри кӯҳна воқеъ буд. Мо се нафар мардина ва Фотимахон бо Дилбар каме барвақт ҳозир шудем. Мутаваккилҷон гуфтанд, ки ана дар ҳамин хонача дар замони ҷанг Абулқосим Лоҳутӣ бо ҳамсарашон Бону зиндагӣ мекарданд. Хонача дар самти ҷанубии ҳавлии мазкур воқеъ буда, як тирезаи хурд ва дари паст дошт. Хонача назарногир буд, аммо бинобар дар он иқомат доштани устод Лоҳутӣ дар пеши назар ҳамчун кӯшки бошукӯҳ ҷилва менамуд. Фотимахон ҳикоя карданд, ки як рӯзи ид хешу табор, ёру ошно дар ин ҷо ҷамъ омадем. Зану мард давра сохта, суҳбату сурудхонӣ мекардем. Дар давра Лоҳутӣ ва Бону ҳам мenишастанд. Дилбари хурдсол ба миёнаи давра баромада, зери кафзании умум рақс мекард. Ногоҳ Лоҳутӣ аз ҷой бархоста, ба хонача даромада, баъди фурсате коғаз дар даст пас омад ва шеъри: «Каф бикӯбед, эй рафиқон, Дилбари мо гашта рақсон...»-ро хонда доданд. Мутаваккилҷон шеърро дарҳол ба оҳанг даровард, ҳама кафзанон он сурудро зам-зама кардем, Дилбар мерақсид. Ин шеъру оҳанг он замон машҳур гардида буд. Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Назира Аҳмадова дар ҳар консерташ бо маҳорати фавқулода онро месуруд. Дигар ҳофизон ҳам онро иҷро мекарданд.

Он бегоҳӣ меҳмонони бисёр омаданд. Дар байни онҳо Саъдихон Табибуллоев, Лутфулло Нарзуллоев, Олим Хоҷаев, Шариф Қайюмов низ буданд. Ҳофизи он шабнишинӣ Маъруфхӯҷа Баҳодуров буданд...»

Муаллифи ин сатрҳо бо Маъруфхӯҷа Баҳодуров шояд охирин бор суҳбате доштам, ки дар солҳои аввали истиқлолият ҳангоми баргузории Фестивали дӯстие, ки бо иштироки Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно» дар Қасри тобистонаи «Туркистон» дар Тошканд баргузор шуда, он вақт Ҷӯрабек Муродов низ ташриф оварда буд.

Маъруфхоҷа Баҳодуров дар тан ҷомаи беқасаб, дар даст тор, то расидани навбати сурудхонӣ, дар як гӯшаи саҳни қаср, ки ба соҳили Анҳор мерасад, болои сабза чорзону менишаст. Баъди ин, ки ман бо ҳамроҳии Артисти хидматнишондодаи Ӯзбекистон Мардон Мавлонов наздашон рафта, аз ҳолу аҳволашон пурсон шуда омадам, боз чашм он сӯйи Анҳор, ба тарафи шаҳри кӯҳнаи Тошканд сукут доштанд. Кӣ медонад, шояд ҳамон шабнишиние, ки бо Лоҳутиву Мутаваккил Бурҳонов доштанд, ё вохӯриву суҳбатҳои дӯстонаи дар «Овози тоҷик» доштаи худро ба ёд меоварданд.

Ба ёд овардани одамони нек, хидматгузорони халқ, васлгарони миллатҳо, онҳое, ки ба хотири дӯстӣ, ваҳдати миллат қалам рондаанд, суруд хондаанд, корест савоб.

Одамиро аҷиб хислатест: якеро рӯзи бад ва кори шарр, дигареро рӯзи нек ва кори хайр дар ёд мемонад. Аз бадаш кам сухан мегӯяд, хайраш ба некӣ ёд мекунад. Одамони неккирдор, некгуфтор, некпиндор, хайрхоҳи дигарон ҳамеша дар ёдҳо зиндаву ҷовиданд.

Чӣ хубест кори хайр, ки бо гузашти солҳо ёдаш ба хайр гӯянду номаш зинда намоянд.

### АВВАЛИН ҚАДАМҲОИ «ӮЗБЕКИСТОНИ СУРХ»

Соли 1950, вақте ки «Овози тоҷик» баъди даҳ соли таваққуф аз нав ба майдон омад, тавре қаблан гуфтем, ба имтиҳони навбатии ҳаёт рӯ ба рӯ шуда, ба шарофати дастгирии муташаккилонаи соҳибзабонҳо «Овози тоҷик» бо номи «Ӯзбекистони сурх» умри дубора ёфтааст.

Чуноне ки маълум аст, ҳамон солҳо бо ҳидояти Сталин, СССР «сурхпӯшу сурхдӯст»шуда, газетаи марказии ӯзбекӣ ҳам «Қизил Ӯзбекистон» ном гирифта буд.

Масъалаи ҷоннок намудани «Ӯзбекистони сурх» дар назди сармуҳаррир, ҷонишин ва котиби масъул кори аз ҳама муҳими ҳаётӣ буд. Азбаски пештар дар бораи фаъолияти сармуҳаррири ҳамонвақта ва тадбиру ташвишҳои ӯ батафсил сухан рафт, алҳол чанде аз сифатҳои корӣ ва фазилатҳои котиби масъуламон Раҳматҷон Норовро ба ёд меоварем, ки ибрати хубест.

Медонем, ки Саидризо Ализода, ҳамчун аввалин котиби масъули «Овози тоҷик» кор карда буд. Соли 1969 роқими ин сатрҳо дар ин вазифа шахсеро дидаам, ки мисли Ализода дилу ҷигар ва тору пудаш ба кору бори газета вобаста буд. Ба ин нисбат, моён он касро, «сутуни идора» меномидем.

Дар хонае, ки болои дараш «Котибот» навишта буданд, Раҳматҷон Норов ва сураткаш-ретушчӣ Аҳмадҷон Изомов кор мекарданд. Ҳар ду ҳам хушандому хушлибос, одамони ҷиддӣ, моҳири касби худ, ҳар ду ҳам сигорӣ, ҳар ду ҳам дар зиндагӣ аз бахти хандон намеболиданд...

Акаи Раҳматҷон салобату ситораи гарм дошт. Суханҳои нарму бомағзаш ҳамсуҳбаташро ром мекард. Ба ҳузураш алломаҳои Самарқанд, ба мисли Ботурхон Валихоҷаев, Шавкат Шукуров, Раҳим Муқимов ва дӯстони самарқандиашон, ба мисоли Болтақул Диёрӣ, Мардонқул Муҳаммадқулов бисёр меомаданд. Ҳамсоягузори ӯ Азиз Юнусзодаи ҳуқуқшинос мегуфтанд, ки агар Раҳматҷон ба кори илмиаш давом медод, аз вай олими олимақоме мебаромад.

Раҳматҷон Норов унвони илмӣ нагирифт, аммо олим ва одами хуб буд. Сариштагии мизи кориаш, тартиби кордориаш, ба ҳамаи ходимони рӯзнома намунаи ибрат буд. Ҳангоми кор ҷиддан бо кор, ҳангоми тафреҳ фақат дар доираи одобу адаб, ҳазлу мутоиба мекард.

Барои маҷлисҳои ҳайати таҳрир – «летучка» (муҳокимаи шумораи навчопшуда), «планёрка» (маҷлисе, ки дар он масъалаи дар шумора ҷой додани материалҳо ҳал мешуд) дафтарҳои алоҳидаалоҳидаро дар як гӯшаи мизашон медидем. Дар як дафтари алоҳида он кас луғат менавиштанд. Дар луғатдонӣ фарҳанги зинда буданд.

...Ин воқеа дар хотирам нақш бастааст. Рӯзе ба дасти устод чизе супурдам, ки дар он калимаи «экскватор» ду маротиба зикр шуда, ҳар ду бор ҳам дар шакли мазкур аз ман «гузашта» буд. Акаи Раҳматҷон ду маротиба болои ин калимаҳо «а» монда, онро «экскаватор» сохтанд. Аз нодонӣ ман эрод гирифтам. Устод аз паси айнак ба ман як чашм давонд. Маълум: шубҳа дар миён омад, устод дарҳол луғат ба даст гирифта, ин калимаро ёфтанд. Баъд хушҳолона айнакро як сӯ гузошта, сигор дуд карда, аз ҷой хестанд ва фармуданд: «ба ислоҳам бовар доштам, аммо эътиқоде, ки ба шумо дорам, маро ба иштибоҳ андохт».

Оре, ӯ қадри ҳамкорон медонист, бе далел баҳс намекард, вақт бо ҳарза ҳаргиз зоеъ намекард.

**(Давом дорад).**

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти шоистаи**
**Ӯзбекистон.**

## *БАҲОРИ САБЗДОМАН*

*Чун пуштаву ёла гул ба доман мезад,*
*Кабки бари кӯҳ оҳу шеван мезад.*
*Бар хирқаи садямоқи барфи сари кӯҳ*
*Хуршеди сари баҳор сӯзан мезад.*
***
*Эй абри сиях, сафед бодо қадамат,*
*Эй бод, паёми ишқ ояд зи дамат.*
*Эй боғ, ки тирамаҳ қасам хӯрда будӣ,*
*Гул кардию боз куҷо шуд қасамат?!*
***
*Имрӯз чу бӯйи гул парешон бошам,*
*То муждарасони гул ба ёрон бошам.*
*Бар ташналабони дашт дар фасли баҳор*
*Хоҳам, ки садои пойи борон бошам.*
***
*Мактуб зи чашма мебиёрад ҷӯбор,*
*Бар нахлу гиёҳ месупорад ҷӯбор.*
*Дар пойи дарахти сарв сар бинҳода,*
*Ин субҳ намоз мегузорад ҷӯбор.*

**Равшани ҲАМРОҲ.**

## *ФАСЛИ БЕДОР ШУДАН*

*Фасли саршор шудан омадааст,*
*Ошиқи зор шудан омадааст.*
*Фасли бемор шудан чун бигзашт,*
*Фасли бедор шудан омадааст.*
*Барфи ғам рехт зи боми дили ман,*
*Вақти ғамхор шудан омадааст.*
*Даври мо чарх мазан, танҳоӣ,*
*Даври бо ёр шудан омадааст.*
*Муғча аз бодаи хуршедӣ маст,*
*Фасли хаммор шудан омадааст.*
*Сабза саҷҷодаи сарву суман аст,*
*Шоха пурбор шудан омадааст.*
*Ранги гул чанд замон ирфонист,*
*Вақти гулкор шудан омадааст.*
*Ҳар гуле ноз кунад бо бӯе,*
*Фасли аттор шудан омадааст.*
*Мӯру занбӯр ҳама хушкоранд,*
*Пайи шаҳкор шудан омадааст.*

**Бузургмеҳри БАҲОДУР.**

## *НАВРӮЗӢ*

*Бар дӯстон муборак субҳу сафои Наврӯз,*
*Мавҷи табассуми гул аз хандаҳои Наврӯз.*
*Тарфи чаман бубину савти ҳазор бишнав,*
*Файзу баҳори иқбол нозу адои Наврӯз.*
*Бар модарони олам — бунёди насли одам,*
*Бар тифлакони хандон хоҳам бақои Наврӯз.*
*Бар муғчаҳои хуфта бас ҳарфи ноз гуфта,*
*Розе ба дил нуҳуфта боду ҳавои Наврӯз.*
*Эй, мулки нозанинам, ҳастию ҳасту бинам,*
*Меҳрат ба кишвари дил, бар дида ҷои Наврӯз*

**Ҳамрокул ДАВРОН,**
*шаҳри САМАРҚАНД.*




*Дар арафаи иди умумихалқии Наврӯз дар Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон таҳти мавзӯи «Ӯзбекистон – хонаи умумии мо» ҷашнвора баргузор гардид.*
***Дар сурат:** намое аз тантана.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

# ЗАНИ СОҲИБМАЪРИФАТ – СУТУНИ ОИЛА ВА ҶОМЕА

***Муносибат ба занон дар мамлакати мо решаҳои таърихии худро дорад. Ин беҳуда нест. Сабаб дар он аст, ки зан сутуни оила ва ҷомеа, файзу шукӯҳи зиндагии мост. Ҳам зиндагии имрӯзаи фаровони мо ва ҳам ояндаи дурахшони мо аз занон вобаста аст.***

Дар ҷомеа, оила, муҳити иҷтимоӣ, ки зан ҳаст, оромӣ, осоиштагӣ, хайрхоҳӣ, соҳибкорӣ, саранҷомиву сариштагӣ, сабру қаноат, меҳру оқибат ва саховатмандии моддию маънавии хоси инсон ҷой хоҳад дошт.

Аз ин ҷост, ки солҳои охир ба баланд бардоштани нақш ва неруи занон дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоию сиёсии мамлакат, баланд бардоштани обруву эътибор ва нуфузи онҳо дар ҳаёти маънавию фарҳангии ҷомеа таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Натиҷаи ин талошҳост, ки дар 5 соли охир теъдоди занони корчаллон дар Ӯзбекистон ду баробар афзуда, шумораи занони соҳибкоре, ки тиҷорати худро ба роҳ мондаанд, аз 205 ҳазор нафар гузашт. Танҳо дар соли 2023 ба беш аз 279 ҳазор лоиҳаҳои соҳибкорӣ зиёда аз 13 триллион сӯм қарз, ба қариб 57 ҳазор занону духтарон 300 миллиард субсид ҷудо карда шуд.

Қариб 200 ҳазор нафар занон касбу ҳунар ва соҳибкориро азхуд карда бошанд, зиёда аз 400 ҳазор нафар хоҳарони мо бо кор таъмин гардиданд. Зиёда аз 25 ҳазор оила аз ҳисоби 6 триллион сӯм кредити ипотекӣ, ки ба занону духтарон ҷудо карда шудааст, соҳиби хонаи истиқоматӣ гардиданд. Чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст.

Суханронии Президент Шавкат Мирзиёевро дар маросими бахшида ба Рӯзи байналхалқии занон бо диққат гӯш намуда, боварӣ ҳосил кардам, ки дар оянда низ дар кишварамон баҳри таҳсилгирӣ ва бо соҳибкорӣ шуғл варзидани бонувон дар оянда пайваста корҳо анҷом дода мешаванд.

Чаро гӯед, ки ба 8000 зане, ки ба «Дафтари ҷавонон» дохил шудаанд, барои таъсиси тиҷорати худ ва харидани асбобҳои корӣ субсид ва 10 000 зан қарзи имтиёзнок ҷудо карда мешавад. Лоиҳаи «Марафони тиҷорӣ» барои 50 000 ҷавондухтарон бо иштироки мутахассисони соҳибихтисос ташкил карда мешавад.

Дар маросими тантанавӣ барномаи махсус барои ҷалби васеи занон ба соҳибкорӣ қабул гардида, барои татбиқи лоиҳаҳо 15 триллион сӯм, аз ҷумла 6 триллион сӯм барои лоиҳаҳои тиҷорати оилавӣ ҷудо карда мешавад.

Хулоса, имрӯз ислоҳот бобати баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоию сиёсии занон дар кишварамон ба зинаи нав баромад. Дар кишваре, ки занро эҳтиром мекунанд, зиндагӣ кардан хушбахтист. Хушбахтии занони мо хушбахтии миллат ва ҷомеаи мост.

**Муқаддас ТИРКАШЕВА,**
**Депутати Палатаи**
**қонунгузории Олий Маҷлис**

ТАБРИК

## ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИЁТИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

# ТАМОМИ ҲАМВАТАНОНРО БО ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ Наврӯз – ойини баробаршавии шабу рӯз ва эҳёи табиат самимона муборакбод менамояд.



*Ба ҳар як узви хонадон тандурустӣ, саодати рӯзгор, иқболи нек ва файзу баракат орзу мекунад.*

*Ҳар рӯзатон Наврӯз бод, ҳамватанони азиз!*

## ӮЗБЕКИСТОНИЁН ДАР ПЕКИН НАВРӮЗРО ҶАШН МЕГИРАНД

**Ба муносибати таҷлили Наврӯз аз ҷониби Сафорати Ӯзбекистон дар Пекин бо иштироки ҳамватанон чорабинии идона баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ таҳти шиори «Ҷаҳон бо ту нурафшон гардад, Наврӯз!» ҳамватаноне, ки дар Чин таҳсил ва кор мекунанд, намояндагони фарҳанги Чин ва расонаҳои хабарӣ, инчунин донишҷӯёни чинӣ, ки забони ӯзбекиро меомӯзанд, ширкат варзиданд.

Ба иштирокчиён дар бораи пайдоиш ва таърихи Наврӯз, бахусус анъанаҳои марбут ба ин ҷашн қисса карда шуд. Таъкид гардид, ки ин рӯз оғози Соли нави шарқӣ – қадимтарин ва маҳбубтарин ҷашни мардуми мост.

Дар чорабинӣ мусобиқаҳои футбол байни ҳамватанон, муаррифии фарҳанги миллии ӯзбек, мусобиқаҳои махсус ва бозиҳои анъанавӣ барои кӯдакон баргузор гардид.

Иштирокдорони чорабинӣ инчунин дар бораи моҳияти ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар соҳаҳои мухталиф татбиқ мегарданд ва рушди замонавии ҳамкории Ӯзбекистону Чин шинос шуданд.

Ҳунарпешаи ҷавони Ӯзбекистон, лауреати мукофоти ба номи Зулфия Ширин Абдуллоева сурудҳои ӯзбекиро иҷро кард.

Меҳмонон аз таомҳои ошхонаи миллии ӯзбек тановул карданд.

Ҳамватанон таассуроти худро бо мухбири агентии «Дунё» ба ҳам диданд.

**Донишҷӯйи Донишгоҳи технологии Пекин Беҳрӯзбек АБДУНОДИРОВ:**

– Бисёр шодам, ки мо Наврӯзро бо ҳамватанонамон бо хушнудӣ ва рӯҳияи баланд таҷлил мекунем.

Бояд гуфт, ки мо дар чорабиниҳои фарҳангии аз ҷониби сафорати мо бахшида ба ҷашнҳои миллӣ ва санаҳои муҳим ташкилшуда ҳамеша фаъолона иштирок мекунем.

Аз рӯи анъана дар байни ҳамватанон мусобиқаҳои футбол ташкил карда шуданд. Инчунин дар ин ҷо суруду таронаҳои миллии худамонро шунида, аз хӯрокҳои миллӣ баҳраманд шудем. Дӯстони хитоии мо лаззати таомҳои ӯзбекиро низ медонанд. Бозиҳои анъанавии бачагон ба ид фазои беназир бахшиданд.

Бо вуҷуди дур будан аз Ватан, риоя кардан ба суннатҳои миллии худ ба мо хушнудии бузург мебахшад.

**Донишҷӯйи Донишгоҳи миллатҳои марказӣ Муҳаммадҷон РАИМОВ:**

– Имрӯз мо, ӯзбекистониён дар Чин, барои таҷлили ҷашни дӯстдоштаи халқамон – Наврӯз ҷамъ омадаем. Он дар рӯҳияи хеле баланд гузашт. Дар ин ҷо мо дӯстони зиёди нав пайдо кардем ва навгониҳои мамлакатамонро ба ҳам дидем.

Дар рафти чорабинӣ мо дар мусобиқаи футболи аз ҷониби Сафорат ташкилшуда иштирок намуда, ҷои ифтихорро ишғол кардем. Суруду таронаҳои миллии мо ба ид рӯҳияи махсус бахшиданд.

Ҳама ҳамватанонамонро бо фарорасии Наврӯз муборакбод мегӯем.

**Донишҷӯйи Донишгоҳи энергетикии Чини Шимолӣ Самандар САДИЛЛОЕВ:**

– Аввалан, тамоми ҳамватанонамонро бо иди Наврӯз табрик мегӯям. Барои таҷлили он мо бо ҳамватанони худ, ки дар Чин таҳсилу кор мекунанд, ҷамъ омадем.

Имрӯз барои мо рӯзи махсус буд. Зеро мо худро боз дар Ватан ҳис кардем. Мо дар бораи навигариҳои охирини мамлакатамон, дигаргуниҳо ва навсозиҳои миқёсан калони соҳаҳои гуногун мубодилаи афкор намудем, аз бозиҳои миллӣ, мусиқӣ, суруду таомҳои худ лаззат бурдем. Барои ин вохӯрӣ ба сафоратамон изҳори сипос менамоем.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ПЕКИН.*

*Чанд рӯз аст, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят шодиёнаҳои наврӯзӣ идома доранд. Пешбинӣ шуда буд, ки тантанаҳои асосии иди Наврӯз 20 марти соли ҷорӣ дар маркази фарҳангии «Бухорои кӯҳна ва боқӣ» баргузор мегардад. Бо ин мақсад барномаи шавқовари сайри наврӯзӣ таҳия ёфт. Номусоидии обу ҳаво имконият надод, ки тадбир дар ҳавои кушод сурат гирад. Аз ин рӯ таҷлили Наврӯз дар театри драмаи мусиқии вилоят баргузор гардид.*

## ТАНТАНАҲОИ НАВРӮЗӢ ДАР БУХОРО



Дар он намояндагони ҷомеаи шаҳру ноҳияҳо, масъулони марказҳои миллию маданӣ, корхонаю ташкилот, муассисаю маҳаллаҳо, пешкадамони истеҳсолот, собиқадорони меҳнат, ҷавонон ва сайёҳон иштирок карданд. Дар фойеи театр намоиши хӯрокҳо, нозу неъматҳои наврӯзӣ, гулу сабзаҳо, меваю ашёи дахлдор диққати иштироккунандагони тадбирро сӯи худ мекашид.

Дар маросими тантанавӣ ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба сухан баромада, ҷамъомадагонро бо айёми дилкаши баҳорӣ самимона муборакбод намуд.

– Имрӯз баробари дигаргуниҳои табиат ҷамъиятамон низ таҷдид ёфта, ба дилу дидаи одамон нумӯъ мебахшад. Бунёд гардидани манзилҳои нав ба нав, масканҳои таълимию муолиҷаҳҳо, иморатҳои фарҳангию корхонаҳои замонавӣ, деҳаҳои ободу шаҳрҳои пурҷозиба, мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав»-у варзишгоҳҳо, объектҳои сайёҳию боғчаҳо ва амсоли онҳо ба ҳусни диёрамон ҳусни нав зам мекунад, – гуфт Ботир Зокиров. Вай таъкид намуд, ки Наврӯз – айёми киштукор ва оғози давраи пурмасъулияти деҳқон аст. Шубҳае нест, ки меҳнати бошууронa ва омилкорона боиси фаровонии ҳосил ва комёбиҳо мегардад. барномаи дилкаши консертӣ бо иштироки ҷамоаҳои бадеӣ, сарояндагони ҷавон, устодони санъат иштирокдорони тадбирро хушнуд намуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## НАВРӮЗИ ГУЛШАНОБОД

*Табиист, ки мардум баробари расидани баҳори нозанин Наврӯзи оламафрӯзро интизор мешаванд. Наврӯз – оғози рӯзи нав, рамзи зебоӣ, сарсабзии табиат аст. Ҷашни шодмонӣ ва иди деринтизори, ба хусус мардуми Машриқзамин мебошад. Дар рӯзҳои муборакi баҳори хуҷастапай халқи сермиллати мо дар тамоми гӯшаву канор, овулу деҳот, маҳалла ва шаҳрҳои мамлакат иди пуршукӯҳи байналхалқӣ – Наврӯзи оламро бо хушиву хурсандии самимона, бинобар урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ҷашн мегиранд.*

Бо ташаббуси Президент ва ҳукумати кишвар ба баргузории иди Наврӯз эътибори алоҳида дода мешавад. Ҳоло мувофиқи фармони роҳбари мамлакат «Дар бораи омодагӣ ва баргузор намудани ҷашни умумихалқии Наврӯзи соли 2024» дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар иди Наврӯз ҷашн гирифта мешавад.

Бо фарорасии ин ҷашни фархунда мардум урфу одат, анъанаҳои қадимӣ ва нодири худро дубора ёд мекунанд. Асрҳост, ки ин ҷашни пуршукӯҳро пиру ҷавон бо омодагии махсус ва хурсандии беандоза истиқбол мегиранд. Барои муборакбодӣ ба хонаи якдигар мераванд, аз ҳоли пирону куҳансолон хабар мегиранд, дар рӯзи таҷлили Наврӯз ҳамдигарро табрик мегӯянд.

Баробари тантанаҳое, ки алҳол дар тамоми гӯшаву канори мамлакатамон баргузор мешаванд, Наврӯз дар маҳаллаи Гулшанободи ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт низ бо шукӯҳу шаҳомати хос ҷашн гирифта шуд. Он барои гулшанободиён аз ҷашнҳои гузашта хотирмонтар буд. Зеро, сокинон ба ҷашни Наврӯз ва 9-умин солгарди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаашон «Гулшанобод» таҳти шиори «Наврӯз – дунё бо ту равшан» тайёрии алоҳида дида, онро бо шодмонии беандоза қайд карданд. Он рӯз пиру ҷавон дар варзишгоҳи маҳалла ҷамъ омада, фарорасии ин иди мардумиро барои ҳамдигар шодбош гуфтанд. Наврӯзи имсола низ дар пояи урфу одатҳои миллӣ баргузор гардид ва ба аҳли маҳаллаву меҳмонони он писанд омад.

Агар дар як ҷониби наврӯзгоҳ пирону кӯҳансолон маҳорати гӯштингирии худро ба наврасону ҷавонони маҳалла намоиш дода бошанд, дар тарафи дигар ҷавонон ва духтарону бонувон маҳорати пухтупази таомҳои милливу баҳорӣ, маҳсули ҳунармандӣ ва дӯхтудӯзи худро намоиш доданд. Рақсу сурудҳои идона, ки аз ҷониби хонандагону гулдухтарони маҳалла иҷро гардиданд, кайфияти идонаи мизбонон ва меҳмонони чорабинии фарҳангиро дучанд кард. – Дар ин баромадҳои фарҳангӣ намояндагони миллатҳои гуногун ҳунари худро пешкаши ҳозирин карданд, – мегӯяд раиси маҳалла Неъматулло Раҳматов. – Таомҳои миллӣ, аз қабили оши бадӯғ, самбӯса, суманак ва ғайра, ки аз ҷониби занони маҳалла омода шудаанд, ба меҳмонони тантанаи наврӯзӣ тақдим гардид. Баргузории мусобиқаҳои варзишӣ бино ба намудҳои гӯштии миллӣ ва камарбандӣ, ресмонкашӣ, дастхобонӣ барои иштирокдорони чорабинии варзишӣ завқи беандоза бахшид.



Одатан дар ҷашни наврӯзии гулшанободиён баҳри тановули меҳмонону мизбонон таоми миллӣ – оши палав гузошта мешавад. Қисми зиёди аҳолии маҳалла низ дар хонаҳои худ ҳар гуна таом, нон ва анвои хӯрданӣ пухта ба наврӯзгоҳ меоранд, ки аз анъанаи меҳмоннавозии эшон дарак медиҳад.

Умуман, хурсандии аҳли маҳалла ҳадду канор надошт. Бо вуҷуди он, ки ин лаҳзаҳоро наметавон ба пуррагӣ тасвир кард, тантанаҳои наврӯзии гулшанободиён аз ҷониби ҳайати эҷодии шабакаи «Узрепорт» ва «Маданият ва маърифат»-и телевизиони ҷумҳурӣ ба навор бардошта шуданд. Ин эътибор, ки бо ташаббуси роҳбарияти ҷамоати шаҳрвандон ва мактабҳои маҳалла роҳандозӣ гардид, гулшанободиёнро хеле мамнун кард.

Воқеан, тӯли солҳои истиқлолият баргузории Наврӯзи ҷаҳонафрӯз дар ҷумҳурӣ ҳусну таровати махсус касб менамояд. Дар ин айём пирони рӯзгордидаи мо расму оинҳои ин мероси бебаҳои аҷдодиро ба авлоди оянда – пасовандони шоистаи кишвар маънидод мекунанд, ташреҳу тавзеҳ медиҳанд. Беҳуда нагуфтаанд, Наврӯз васлгари имрӯз бо фарҳанги ғаниву беназири дирӯз аст.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Шаҳри ТОШКАНД.*


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 4250. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00



**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.